***ТДУ 74.025***
***ТКБ 37.013.3***

# ТАКМИЛИ САЛОҲИЯТНОКИИ ДОНИШҶӮЁНИ РАВИЯИ ГУМАНИТАРӢ БО ИСТИФОДА АЗ ТЕХНОЛОГИЯҲОИ ИНФОРМАТСИОНӢ ДАР НИЗОМИ КРЕДИТИИ ТАҲСИЛ

***Воҳидова Зебо Рустамбоевна**, ассистенти кафедраи технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ ва барномарезии Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон (Тоҷикистон, Хуҷанд)*

# ПОВЫШЕНИЕ КОМПЕТЕНТНОСТИ СТУДЕНТОВ ГУМАНИТАРНЫХ СПЕЦИАЛЬНОСТЕЙ, С ИСПОЛЬЗОВАНИЕМ ИНФОРМАЦИОННЫХ ТЕХНОЛОГИЙ В КРЕДИТНОЙ СИСТЕМЕ ОБУЧЕНИЯ

***Вохидова Зебо Рустамбаевна,** ассистент кафедры информационно коммуникационных технологий и программирования Таджикского государственного университета права, бизнеса и политики (Таджикистан, Худжанд)*

# IMPROVEMENT OF THE COMPETENCE OF HUMANITARIAN SPECIALTY STUDENTS USING INFORMATIONAL TECHNOLOGIES IN THE SYSTEM OF CREDIT TUITION

***Vokhidova Zebo Rustambaevna,** assistant of the department of informational-communicational technologies and programming under TSULBP (Tajikistan, Khujand),*
***E-mail:** vohidova_zebo@mail.ru*

***Вожаҳои калидӣ:** салоҳиятнокии донишҷӯён, технологияҳои информатсионӣ, раванди таълим, низоми кредитии таҳсил, неруи илмӣ, неруи маърифатӣ, мустақилият, кори мустақилона*

*Мақола ба омӯзиш ва татбиқи технологияҳои иттилоотӣ дар ташаккули салоҳиятнокии донишҷӯёни равияи гумантираӣ дар низоми кредитии таҳсил бахшида шудааст. Муаллиф оид ба истифодаи фановариҳои иттилоотӣ дар ташкили кори мустақилонаи донишҷӯёни низоми кредитӣ маълумот дода, мубрамияти нақши онро дар ташаккули салоҳиятнокии донишҷӯён нишон медиҳад. Тазаккур меравад, ки навгониҳо дар раванди омода намоии мутахассисони оянда дар асоси низоми кредитии таълим ҷои афзалиятнокро ишғол мекунанд. Муаллиф нақши технологияҳои иттилоотиро дар баланд бардоштани савияи дониш, малака, мубодилаи иттилоот дар раванди таълими донишҷӯёни равияи гумантарӣ дар низоми кредитӣ ниҳоят зарур арзёбӣ намудааст.*

***Ключевые слова:** компетентность студентов, информационные технологии, учебный процесс, кредитная система обучения, научный потенциаль, образовательный потенциал, самостоятельность, самостоятельная работа*

*Статья посвящена изучению и применению информационных технологий в формировании компетенции студентов-гуманитариев в кредитной системе обучения. Приводится информацию об использовании информационных технологий в организации самостоятельной работы студентов по кредитной системе и подчеркивает важность их роли в формировании компетентности студентов. Отмечается, что инновации играют ключевую роль в процессе подготовки будущих специалистов на основе кредитной системы обучения. Рассматривается роль информационных технологий в повышении уровня знаний, навыков, обмене информацией в процессе обучения студентов-гуманитариев по кредитной системе.*

***Key-words:** competence of students, informational technology, educational process, credit tuition system, scientific potential, educational potential, self-sufficiency, self-sufficient work*

*The article dwells on the study and application dealing with informational technologies in competence of humanities students\` formation in the system of credit tuition. The author of the article adduces information concerned with resorting to informational technology in students\` self-sufficient work organization in the credit system; she lays an emphasis upon the idea the significance of their role in students' competence formation. It is underscored that innovation occupies the key role in future specialists preparation based on the system of credit tuition. The author canvasses the role of informational technology in increasing level of knowledge, skills, information exchange in the process of tuition of humanities students on the relevant system.*

Раванди рушди таҳсилоти олӣ бо баланд бардоштани сифати ҷараёни омодагии мутахассисон, бо мунтазам инкишоф ёфтани фаъолияти илмию тадқиқотӣ, рушди таълими

инноватсионӣ, бо муҳити иҷтимоӣ ва иқтисодии донишгоҳҳо алоқаи зич дорад. Ҳамзамон ин раванд ба такмил додани низоми таълим ва фановариҳои иттилоотӣ нигаронида шудааст. Дар шароити ҷаҳони муосир вазифаи аввалиндараҷаи низоми маориф омода намудани мутахассисони баландихтисоси ба тамоми талаботи воқеияти муосир ҷавобгӯ мебошанд.

Талабот ба мутахассиси тафаккури эъҷодидошта, дар офариниши ақидаҳои нав ё мукаммал намудани ақидаҳои мавҷуда рақобатпазир ҳамеша зиёд аст. Ин раванд тақозо менамоянд, ки масъала пурратар, ба таври инфиродӣ ва интегрironидашуда мавриди баррасӣ қарор гардад. Ин падида ҳамгироии иҷтимою инфиродӣ мафҳуми «салоҳият», «салоҳиятнокӣ»-ро ифода менамояд [1, с.276-277].

Корбасти фановари иттилоотӣ дар ташаккули салоҳиятнокии касбии мутахассисони оянда яке аз талаботи асосии рушди муосири иттилоотии ҷомеа мебошад. Дар ҷомеаи иттилоотӣ ниёзи объективӣ ба мутахассисоне, ки қобилияти зуд мутобиқ шудан ба мундариҷаи тағйирёбандаи фаъолияти меҳнатӣ доранд, ки метавонанд дар муддати кӯтоҳ дониш, ихтисос ва малакаҳои навро аз худ кунанд, вуҷуд дорад.

Аввалин бор мафҳуми технологияи иттилоотиро В.М.Глушков ҷорӣ карда буд, ки "онро ... раванди марбут ба коркарди иттилоот муайян мекунад. Технологияҳои иттилоотӣ дар китобҳои дарсии фановарии иттилоотӣ (информатика) чун раванди ҷамъоварӣ ва коркарди маълумот бо мақсади ба даст овардани маълумот дар бораи объект, раванд ё падида дар сифати нав ("маҳсулоти иттилоотӣ"), инчунин раванди аз усулҳо ва бастаҳои воситаҳои маълумот ("маълумоти аввалия, ибтидоӣ") истифодабаранда, муқаррар шудааст [3, с.163].

Кунун роҳҳои истифодаи фановари иттилоотӣ дар раванди таълим фаъолона ташаккул ва такмил меёбанд. Такомули босифати имкониятҳои раванди таҳсилот бо иттилоотикунонии таълим ва истифодаи самараноки фановариҳои мазкур дар ташкили раванди таълим алоқаманд аст. Фановариҳои иттилоотӣ ҷузъи муҳими ташаккули салоҳиятнокии касбии донишҷӯён мебошанд. Дар зери фановариҳои иттилоотӣ таҷҳизот ва низомҳои муосиреро мефаҳманд, ки ба кор бо иттилоот ва идоракунии равандҳои иттилоотӣ равона шудаанд [6, с.243].

Барои баланд бардоштани сатҳу сифати таҳсилоти дониҷӯёни равияи гумантарӣ дар низоми кредитии таълим, ташаккули усулҳо ва услуби баланд бардоштани сифати ташкилию таълимӣ, инчунин фаъолона ҷорӣ намудани инноватсияҳои педагогӣ зарур аст. Бо ин мақсад, низоми таҳсилот бояд бо мӯҳтаво ва вазифаҳои нав, тарбия ва таълими нави босифат, ки ба талаботи ҷаҳони муосир ҷавобгӯ мебошанд, илова карда шаванд.

Дар асоси гуфтаҳои боло, мо метавонем тасдиқ кунем, ки инноватсияҳо дар раванди тайёр кардани мутахассисони оянда, ки салоҳиятҳои зарурииро соҳиб шудаанд, дар низоми кредитии таълим ҷои афзалиятнокро ишғол мекунанд. Муҳиммияти ин масъала ҳангоми омода намудани мутахассисоне, ки фаъолияташон бо раванди эҷодӣ бевосита алоқаманд аст, афзун меёбад.

Дар натиҷаи ҷорӣ намудани низоми кредитии таҳсилот ба курсҳои таълимӣ тағйирот ворид карда шуд, миқдори соатҳои назариявӣ коҳиш ёфта, ба кори мустақилонаи донишҷӯён диққати асосӣ дода шуд.

Низоми кредитии таҳсилот ба донишҷӯ имкон фароҳам меорад, ки раванди таълимро мустақилона ба нақша гирад. Кори таълимӣ аз рӯи ҳаҷми маводи таълимӣ арзёбӣ мешавад, яъне аз рӯи соатҳои кредитӣ. Дар ин маврид барои ташаккули салоҳиятнокии донишҷӯён шароити хуб фароҳам оварда мешавад.

Дар иртибот бо татбиқи фановариҳои нави таълим зарурати ҷорӣ намудани худкоркунонии комплексҳо ва нақшаҳои таълимию методӣ, интихоби маҳруки таълимӣ аз ҷониби донишҷӯён, худкоркунонии ташкили раванди таълими технологияҳои кредитӣ тавассути баҳисобгирии сарбории тютор - яъне дар корбасти фановариҳои иттилоотӣ пайдо шуд [6,с.244].

Айни ҳол, фановариҳои иттилоотӣ дар истеҳсолот, дар корхонаҳо, дар ҳуҷҷатгузорӣ ва коргузорӣ васеъ истифода мешаванд, соҳаҳои фаъолияте, ки ин фановариҳо фаро мегиранд, тавсеа мешаванд. Мувофиқи зиёдшавии ҳаҷм ва мураккабии иттилооти коркардшаванда дар ҷомеа, зарурати визуаликунонии (назарӣ, босирӣ) иттилоот дар ҷамъият ба миён меояд. Фановариҳои иттилоотӣ дар илм ва амалия, дар соҳаҳои мухталифи маориф ва истеҳсолот, аз ҷумла дар раванди таълим васеъ истифода мешаванд.

Корбасти фановариҳои иттилоотӣ дар ташаккули нерӯи илмиву маърифатии донишҷӯёни равияи гуманитарӣ, инкишофи малакаҳои тафаккури онҳо, яъне дар маҷмӯъ, дар омода намудани мутахассисони салоҳиятнок таъсири назаррас мерасонад. Дар асоси истифодаи фановариҳои иттилоотӣ дар раванди таълим, донишҷӯён чунин усулҳои дарки илмӣ, аз лиҳози

расмикунонӣ, амсиласозиро аз худ мекунанд. Фановариҳои иттилоотӣ барои инкишофи шаклҳои мантиқӣ ва низоммандии тафаккур, инчунин азхудкунии усулҳои нави идроки илмӣ шароит фароҳам меоранд. Аз ин рӯ, масъалаҳои истифодаи фановариҳои иттилоотӣ дар соҳаҳои мухталиф ба таври муфассал мавриди баррасӣ қарор дода шудаанд.

Корбасти фановариҳои иттилоотӣ дар тамоми соҳаҳои фаъолияти ҳаёти инсон талаботи нави сифатиро барои соҳаи маориф тақвият бахшид.

Таҳлили адабиёти илмӣ, ки ба таҳқиқи масъалаҳои иттилоотикунонии низоми маориф бахшида шудаанд (В.П.Беспалко, В.С.Гершунский, И.В. Роберт, А.А.Кузнетсов, В.М.Монахов, М.Малибекова, К.С.Абдиев, С.А. Исаев, К.М.Беркимбоев ва дигарон) нишон медиҳанд, ки амалиёти маърифатии ҷараёни идоракунӣ, мундариҷаи фанҳои донишгоҳҳо, муҳит, шаклҳо ва вазифаҳои таълим, хусусиятҳои психологӣ-педагогӣ сохти нав пайдо мекунанд [8,с.76].

Аз сабаби он, ки 2/3 ҳаҷми барномаи таълимии низоми кредитии таҳсилотро кори мустақилонаи донишҷӯён ташкил медиҳад, зарурати истифодаи технологияҳои иттилоотӣ дар ташкили ин раванд торафт зиёд мешавад.

Таҳлили корҳои илмӣ ва амалияи таълими муосир исбот мекунад, ки арзиши кори мустақилона бо татбиқи усулҳои навин аз ҷониби методистон ва омӯзгорон, қобилияти самарабахши онҳо, зоҳир кардани шаклҳои ташкилӣ баланд мегардад. Аксар муаллифон ин робитаро ҳамчун усули омӯзиши мустақил (И.Я. Лернер), муаллифони дигар чун воситаи таълим (П.И.Пидкасистий), муаллифони севум ҳамчун шакли ташкили фаъолияти таълимгирандагон (Б.П. Есипов) муайян мекунанд.

А.Х.Аренова дар мақолаи илмии худ мафҳуми фаъолияти мустақилонаи таълимиро чунин таҳлил мекунад: “Фаъолияти мустақилонаи таълимӣ – ин мафҳуми дидактикӣ, тартиби мустақили масъалаҳои илмӣ-амалӣ, пешгӯӣ ва муайян кардани тарзҳои ҳалли онҳо дар асоси худназораткунӣ, худбаҳодиҳӣ ҳамчунин амалҳои муштараки иштирокчиёни раванди педагогии дониши ҳамгироии шахсият мебошад” [2].

Тибқи ақидаи Р.Г.Лемберг [4,с.19], ташкили кори мустақилона бо шартҳои зерин алоқаманд аст:

а) дарки мушаххаси ҳадафи кор;

б) манфиатдор будан ба анҷоми бомуваффақияти кор ва натиҷаҳои он;

в) иҷрои кор бо ихтиёр ва ташаббуси худ.

Вижагии асосии интихоби технологияҳои ташкили кори мустақилона аз зарурати такя кардан ба хусусиятҳо ва майли шахсияти донишҷӯён, ба ниёзҳои ӯ барои худтатбиқкунии эҷодӣ иборат мебошад. Самтгирӣ аз рӯи таҳкими ҷузъи эҷодии шахсияти мутахассиси оянда аз фанҳои таълимӣ ва амали омӯзгор ба эътибор гирифтани хусусияти шахсияти донишҷӯ, арзишҳо, манфиатҳо ва ниёзҳои ӯро талаб мекунад. Ба ибораи дигар, кори мустақилонаи донишҷӯён бояд аз рӯи мавқеи таълими ба шахсият нигаронидашуда асос ёбад [4, с.20].

Дар асоси нуктаҳои дар боло зикргардида, ба хулосае меоем, ки фановариҳои иттилоотӣ барои ташкили самарабахшии кори мустақилонаи донишҷӯёни равияи гуманитарӣ ва ҳамчун натиҷаи ин фаъолият- маҷмӯи салоҳиятҳо, аҳамияти калон дорад. Корбасти технологияҳои иттилоотӣ дар раванди таълим пурра тағйир додани раванди таълим ва амсилаи таълими ба хусусиятҳои шахсият нигаронидашуда имконият фароҳам меорад. Воситаҳои муосири таълим (компютерҳо, воситаҳои алоқаҳои телекоммуникатсионӣ, таъминоти барномавӣ ва методии интерактивии зарурӣ) имкон медиҳанд, ки шаклҳои мухталифи таълим такмил дода шавад. Инчунин, ин воситаҳои техникӣ дар иҷрои корҳои мустақилона мавқеи муҳимро ишғол мекунанд ва дар таълими самарабахши мутахассиси оянда ҳамчун дастурамали методӣ хизмат мекунанд.

Истифодаи фановариҳои иттилоотӣ дар омӯзиши ҳама гуна фанҳо ба тавсеаи ҷаҳонбинӣ, баланд бардоштани сатҳи омодагии касбӣ, таъмин намудани дастрасӣ ба фаъолияти эҷодии мутахассиси оянда, ҳамчунин барои истифодаи таҷриба ва методикаи нав ва имконияти таълими инноватсионии донишҷӯёни равияи гуманитарӣ имконият фароҳам меорад.

Зимнан, якчанд намуди истифодаи фановариҳои иттилоотиро дар кори мустақилона ҷудо кардан мумкин аст.

1. Барои иҷрои вазифаҳои дорои хусусияти назариявӣ бо мақсади мустақилона азхуд кардани дониши нав аз ҷониби донишҷӯён инҳо истифода мешаванд:

-китобҳои дарсии маҷозӣ ва нашрияҳои (маҷозӣ) таълимӣ, низомҳои худкори таълим;

-телекоммуникатсия ва технологияҳои компютерӣ дар асоси Интернет ва телекоммуникатсия.

2. Вазифаҳое, ки ба таҳкими амалии тахассус ва малакаҳои тариқи назариявӣ гирифта шуда, равона шудаанд:

- протсессорҳои ҷадвалӣ (сохтани ҷадвалҳо, пур кардани ҷадвалҳои тайёр, коркарди ҳисобҳо, тартиб додани диаграммаҳо);

- муҳаррирони графикӣ, низомҳои автоматии тарроҳӣ, омода кардани эскизҳо ва таҳрир тавассути менюи барнома (омодасозии графика, омодасозии нақшҳо, расмкашӣ, ороиши расм);

- муҳаррири матнӣ ва протсессорҳо, барномаҳои низоми матбаа (барномаҳои матнӣ, барномаҳои таҳрири ҳуҷҷатҳои матнӣ ва эссе, реферат, омода кардани корҳои курсӣ ва лоиҳаҳои дипломиро талаб мекунанд);

- низомҳои идоракунии пойгоҳи додаҳо (маълумотҳо);

- менюи таҳрири маълумотҳои математикӣ ва оморӣ;

- истифодаи меню барои шинохтани аниматсияҳо ва матнҳо.

3. Дар иҷрои корҳои мустақилона, алгоритмҳо ва намунаҳои супоришҳо, намоиши озмоишҳо ва презентатсияҳо (компютер, проектор, камераҳои видеоӣ, видеороликҳо) истифода мешаванд.

4. Барои назорати корҳои мустақилона, барномаҳои махсуси идоракунии компютерӣ, барномаҳои мухталифи санҷишӣ истифода мешаванд.

Дар шакли кредитии таҳсил, санҷиши компютерӣ бо мақсади назорати ҷорӣ, фосилавӣ ва ниҳоӣ васеъ истифода мешавад. Автоматикунонии раванди санҷиши педагогӣ натиҷаи зарурати баланд бардоштани самаранокии раванди таълими донишҷӯёни равияи гуманитарӣ ва имкониятҳои васеи технологияҳои муосири иттилоотӣ мебошад.

Ҷорӣ намудани фановариҳои муосири иттилоотӣ дар соҳаи маориф боиси тағйирёбии сифатии усул ва намудҳои ташкили омодагии касбии мутахассисони оянда мегардад. Барои ташкили самарабахши кори мустақилонаи донишҷӯёни равияи гуманитарӣ истифодаи китобҳои дарсии электронӣ ва дастурҳои методӣ аҳамияти хоса доранд.

Дар чаҳорчӯбаи раванди таълим дар донишгоҳ имкониятҳои технологияҳои иттилоотӣ ва универсалӣ, бахусус, барои омода кардани слайд-лексияҳо, презентатсияҳои баландсифат, имкониятҳои чунин замимаҳои универсалӣ, ба монанди MS Power Point, Camtasia, Flash дар амал васеъ истифода мешаванд. Имкониятҳои барномаи MS Power Point ба донишҷӯён дастрасии маводҳоро ба миқдори зарурӣ фароҳам меорад. Корҳои мустақилонае, ки аз рӯи усули дар боло овардашуда таҳия шудааст, на танҳо дар вақти машғулиятҳои лексионӣ, балки дар ҷараёни кори мустақилона низ истифода мешавад. Ҳангоми иҷрои корҳои мустақилона, донишҷӯён аз фондҳои иттилоотии шабакаи Интернет истифода мебаранд. Дар баробари ин, донишҷӯён аз имкониятҳои китобҳои дарсии электронӣ фаъолона истифода бурда метавонанд. Масалан, ҳангоми иҷрои корҳои мустақилона донишҷӯёни равияи гумантирӣ аз маводҳои таълимии электронии мултимедиявии омодашуда дар фанни технологияи информатсионӣ истифода мебаранд. Дар расм намунаи бозии таълимӣ оварда шудааст (Расми 1).




***Расми 1. Маводи мултимедиявӣ аз фанни технологияи информатсионӣ***

Умуман, истифодаи технологияҳои иттилоотӣ барои ворид кардани дигаргуниҳои ҷиддӣ дар таъминоти иттилоотию методии кори мустақилонаи донишҷӯёни равияи гуманитарӣ имконият фароҳам меорад.

Стандартҳои давлатии таҳсилоти олии касбии насли навро аз стандартҳои модели салоҳиятнок бо истифода аз системаи кредитӣ коркард намудан мувофиқи мақсад мебошад.

Ҳадафи асосии низоми таҳсилоти олӣ аз омода намудани мутахассисони баландихтисос ва рақобатпазир тавассути таълими босифат дар заминаи таҳсилоти муосир ва инноватсияҳои педагогӣ иборат мебошад. Дар чунин шароит талабот ба истифодаи дуруст ва самарабахши

технологияҳои иттилоотӣ дар амалияи мутахассисони оянда меафзояд. Аз ин рӯ, корбасти технологияҳои иттилоотӣ ҳамчун пойгоҳ барои таҳияи нашрияҳои электронии таълимӣ барои ташкили кори мустақилонаи донишҷӯён хизмат мекунад.


**ПАЙНАВИШТ**:

1. Азимова, Н.С. Модели салоҳиятҳо дар системаи кредитии таҳсилот: коркард, татбиқ ва истифода/Н.С.Азимова//Паёми донишгоҳи миллӣ- 2018..-№8.-С.276-280.
2. Аренова, А.Х. Профессиональные компетентности как отражение специфики педагогической деятельности /А.Х.Аренова// Международный журнал прикладных и фундаментальных исследований. – 2012. – № 8. – С. 75-77.
3. Глушков, В М. Кибернетика, вычислительная техника, информатика: Избран. труды : в 3 т. Т. 1. Математические вопросы кибернетики / В. М. Глушков; отв. ред. В. С. Михалевич ; Ин-т кибернетики АН УССР. - К. : Наукова думка, 1990. - 263 с.
4. Лемберг, Р.Г. О самостоятельной работе учащихся/Р.Г.Лемберг.- М., Советская педагогика, 1962,-С.6-27.
5. Мирзоев, А. Дидактические основы подготовки студентов вузов Таджикистана к использованию информационно-коммуникационных технологий: дисс. д.п.н./ А. Мирзоев - Душанбе: РТСУ, 2015. - 303 с.
6. Мирзоев, А.Р. Дидактические условия обеспечения эффективной подготовки субъектов педагогического процесса к использованию ИКТ / А.Р. Мирзоев //Вестник Таджикского национального университета. – 2014. -№ 3/4 (139). -С.242-245.
7. Мухаметжанова, А.О. Роль новых информационных технологий в организации самостоятельной работы в системе кредитного обучения /Мухаметжанова А.О., Мухаметжанова Б.О., Мухашева Г.С., Наумова А.В., Исатаева Г.С.// Международный журнал экспериментального образования. – 2014. – № 1-1. – С. 93-97.
8. Шарипов, Ф.Ф. Системный подход к информатизации педагогического процесса в вузе - доминанта формирования профессиональных компетентностей студентов: дисс. д.п.н. / Ф.Ф. Шарипов. - Душанбе: РТСУ, 2013. - 409 с.

**REFERENCES:**

1. Azimova, N.S. Competence Model in the System of Credit Tuition: Elaboration, Realization and Application/N.S. Azimova/ Bulletin of the Tajik National University. - №8. - 2018. – P. 276-280. ISSN 2074-1847.
2. Arenova, A.Kh. Professional Competencies as a Reflection of Specifics of Pedagogical Activity/A.Kh. Arenova// International Journal of Applied and Fundamental Research. - 2012. - No. 8. - P. 75-77.
3. Glushkov, V. M. Cybernetics, Computer Technology, Informatics: selected works: in 3 volumes. - V.1. Mathematical Problems of Cybernetics / V.M. Glushkov; editor-in-charge: V.S. Mikhalevich; The Institute of Cybernetics of the Academy of Sciences of the Ukrainian SSR. - K.: Naukova Dumka, 1990. - 263 p.
4. Lemberg, R.G. Concerned with students` Self-Sufficient Work. - Soviet Pedagogy, 1962, - P..16-27.
5. Mirzoev, A. Didactic Grounds of Preparation of Students of Higher Educational Establishment of Tajikistan for Resorting to Informational-Communicational Technologies: Doctoral dissertation in pedagogy / A. Mirzoev - Dushanbe: RTSU, 2015. - 303 p.
6. Mirzoev, A.R. Didactic Conditions of Ensuring Effective Training of Subjects of the Pedagogical Process for the use of ICT / A.R. Mirzoev // Bulletin of the Tajik National University. - Dushanbe, 2014. -№ 3/4 (139). - P. 242 - 245.
7. Mukhametzhanov,a A.O.The Role of New Informational Technologies in Self-Sufficient Work Organization in the System of Credit Tuition / Mukhametzhanov,a A.O., Mukhametzhanova B.O., Mukhasheva G.S., Naumova A.V., Isataeva G.S. // International Journal of Experimental Education. - 2014. - No. 1-1. –P. 93-97.
8. Sharipov, F.F. A Systematic Approach to Informatization of the Pedagogical Process in the University is a Dominant of of Professional Competencies Formation of Students: Doctoral dissertation in pedagogy / F.F. Sharipov. - Dushanbe: RTSU, 2013 . - 409 p.